# НАҚШАИ СТРАТЕГИИ БУҶЕТӢ

**Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 173*****

Барномаи сиёсати буҷетӣ: **Таҳсилоти касбӣ-техникӣ**

Вазир / Роҳбари муассиса ______________ (Имзо) **Фарход Раҳимӣ** (ному насаб)

## 1. ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ:

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 воқеияти бозори меҳнати "сеҷузъӣ"-ро эътироф мекунад, ки аз таносуби қариб баробари шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ иборат аст ва афзоиши шуғли устувори истеҳсолӣ ва ҳосилнокии меҳнат, инчунин таъмини ҳифзи самараноки иҷтимоиро талаб мекунад. Низоми миллии маориф ҳамасола беш аз 200,000 хатмкунандагонро барои бозори меҳнат омода мекунад, дар ҳоле ки тибқи арзёбиҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ), иқтисоди Тоҷикистон айни замон метавонад афзоиши шуғли аҳолиро на бештар аз 1,1% дар як сол (ё тақрибан 30,000 ҷойҳои корӣ) истифода намояд гирад.

Афзоиши доимии аҳолӣ шумораи кӯдакон ва ҷавононро афзоиш медиҳад. Суръати миёнаи афзоиши солонаи шумораи кӯдакон дар синни таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна 2,3% хоҳад буд. Шумораи онҳо то соли 2030 ба 2,58 миллион нафар мерасад. Ҳадди ақал 30% хатмкунандагони мактабҳои миёна (солона тақрибан 58 ҳазор нафар) бояд ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷалб карда шаванд, ки ин тақвияти иқтидори ин сатҳи таҳсилотро қариб ду баробар тақозо мекунад. Азбаски зарурати рушди низоми бозомӯзӣ/такмили касбии мутахассисони сатҳи миёна, коргарон мувофиқи ихтисосашон ва муҳоҷирони меҳнатӣ ду баробар зиёд шудани сарборӣ ба шабакаро ба бор меорад ва бо назардошти талабот барои беҳтар кардани сифати таълим, зарурати навсозии ҷиддии система равшан мегардад. Ҳиссаи хатмкунандагони мактабҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ/миёна аз 21,2% дар соли 2012 то 32,5% дар соли 2020 афзоиш ёфт. Ин нишон медиҳад, ки хатмкунандагони мактабҳо пас аз хатми синфҳои 9 ва 11 ба даст овардани малака ва салоҳиятҳои касбӣ бештар афзалият медиҳанд. Тамоюли дигари мусбат ин аст, ки ҳиссаи духтарон дар байни хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ низ аз 39,9% дар соли 2010 то 46% дар соли 2023 афзоиш ёфтааст, яъне имрӯз духтарон нисбат ба писарон имкониятҳои шуғл ва имкониятҳои баробартари бозори меҳнатро доранд.

Ҷиҳати таъмин намудани иҷрои ҳадафи мазкур инчунин аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ мешаванд. Таҳия ва иҷрои онҳо дар раванди банақшагирии буҷет пешниҳод гардида, тибқи

талаботи қонунгузории амалкунанда таъмин карда мешавад. Ҳисоби нишондиҳандаҳои хароҷоти заминавӣ ва Дархост барои маблағгузории ташаббусҳои нав пешниҳод карда мешавад.

Натиҷаи дарозмуддати Стратегияи милли рушди соҳаи маориф барои солҳои 2024-2030 таъмини Дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба ҳамаи хоҳишмандон тавассути васеъкунӣ ва таҷдидгардонии инфрасохтор ва ташкили муҳити мусоид" мебошад. Барои ноил шудан ба мақсади пешбинишуда ва зиёд намудани таҳсилкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ шароити мусоид, таъмин бо мутаҳасисони баландтаҷриба лозим аст.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва таҳсилоти касбӣ барои дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегии миллӣ ва инчунин Ҳадафҳои рушди устувор равона мешавад. Дар ин раванд фаъолияти Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва сохорҳои он барои дастрасӣ ба адафҳои мушаххаси зерин сафарбар карда мешавад:

ҲРУ 4: Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумрӣ барои ҳама

ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама

ҲРУ 5: Ба баробарии гендерӣ расидан ва тавонмандсозии ҳамаи занону духтарон.

## 1. ҲОЛАТИ КУНУНӢ ВА МУШКИЛОТИ АСОСИИ СОҲА/БАХШ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро ба сифати яке аз ҷузъҳои муҳими низоми маориф арзёбӣ менамояд, ки он иқтисодиёти миллиро ба мутахассисони баландихтисоси коргарӣ ва миёнаи касбӣ таъмин намуда, дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандони он саҳми арзанда мегузорад. Ба ҷавонон дар баробари касбомӯзӣ, инчунин бедор намудани эҳсоси худшиносии милливу ғурури ватандорӣ омӯхтани таҳаммулгароӣ, инсондӯстӣ, арзишҳои башарию эҳтироми фарҳанги миллӣ дар шароити кунунии ҷаҳони зудтағйирёбанда низ шарт ва зарур аст.

Дар з**инаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ.** Айни ҳол 65 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки дар онҳо аз рӯйи 14 самт ва зиёда аз 135 касбу ихтисос кадрҳои коргарӣ омода карда мешавад.

**Диаграммаи 1. Маълумоти омории муассисаҳои талимиии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар 5 соли охир**




Дар соли таҳсили 2024 (2025) муасисаҳои таҳсилоти ибтидои касбиро 8073 хатм намуданд, ки ах онҳо  2674 нафар духтар мебошад, 2235 нафар бо ҷойи кор таъмин, 1471 нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ, 422 нафар даъват ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ ва 2018 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ва олии касбӣ дохил гардида, 1927 нафар ба ҷои кор таъмин нашуданд.

Норасоии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 59 нафар буд. Ҷиҳати ҷалби омузгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ мунтазам корҳои мушаххас анҷом дода мешаванд. Сатҳи таъминот бо омузгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ дар диаграммаи зерин нишон дода шудааст.

**Даиграммаи 2. Сатҳи таъминоти кадрӣ дар ТИК**




Инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро такмил додан лозим аст.  Дар умум 65 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидои касбӣ:

| | |
|---|---|
| Бинои таълимӣ | 97 |
| Синфхона | 1689 |
| Озмоишгоҳ ва устохонаҳои талимӣ | 289 |
| Китобхона | 106 (22 электронӣ) |
| Толори варзиши | 33 |
| Синфхонаи компютерӣ | 125 (3036 компютер, 293 проектор, 602 принтер |
| Тахтаи электронӣ | 163 |

Мувофиқи Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин дар 23 муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 1835,38 га замини истеҳсолӣ-таҷрибавӣ мавҷуд аст (642,88 га заминҳои обӣ, 384,26 га заминҳои лалмӣ, 113,04 га боғ, 467,02 га чарогоҳ ва боқимонда 228,18 га заминҳои ғайри кишоварзӣ мебошанд).

Заминаи таълимӣ истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошта, муассисаҳо бо ҳадди ақали таҷҳизоти истеҳсолӣ, маводҳои таълимӣ ё умуман таъмин нестанд, ё ин ки дар ҳолати фарсудаю куҳна (аз нуқтаи назарӣ маънавӣ) мебошанд. Илова ба ин, 16 адад муассисаи таҳсилоти ибтиди касбӣ ба азнавсозӣ ва 22 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Дар ин шароит тайёр кардани мутахассисони дорои малакаю салоҳиятҳои ба талаботи бозори меҳнати муосир мувофиқ, ғайриимкон аст.

**Дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ** дар ҷумҳурӣ 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (аз ин теъдод 59 муассисаи давлатӣ) фаъолият менамояд, аз рӯйи 10 самт (омӯзгорӣ, тиббӣ, фарҳанг, кишоварзӣ, иқтисодӣ, технологӣ, техникӣ, муҳандисӣ-омӯзгорӣ, ҳуқуқ, таъмини бехатарӣ) ва 314 ихтисос мутахассисон омода мегарданд.

| **Нишондиҳандаҳо** | **2021/2022** | **2022/2023** | **2023/2024** | **2024/2025** |
|---|---|---|---|---|
| Миқдои муассисаҳо | 82 | 84 | 88 | 86 |
| Теъдоди донишҷуён, | 93270 | 85302 | 88300 | 102854 |
| аз ҷумла духтар | 65776 | 64307 | 67641 | 77784 |
| Аз синфи 9 | 27311 | 29019 | 32005 | 42170 |
| Аз синфи 11 | 65959 | 59283 | 56295 | 60684 |
| Буҷавӣ | 25523 | 20022 | 17581 | 20365 |
| Шартномавӣ | 67747 | 65280 | 70719 | 82489 |

Нишондиҳандаҳои болозикр далели тамоюли мусбат ва ҷолибияти ин зинаи таҳсилоти касбӣ буда, дар ҷалби ҷавондухтарон ба таҳсилот саҳми арзанда дорад. Рақамҳо нишон медиҳанд ки шумораи духтарон дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар солҳои охир 75 дарсади шумораи умумии донишҷуёнро ташкил медиҳанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сол то сол шумораи омӯзгорон торафт зиёд мешаванд. Агар дар соли таҳсили 2019-2020 6381 омӯзгор ва соли 2024-2025 ин рақам ба 7516 омӯзгор расид. Аз ин ҳисоб қариб 50 дарсади омузгоронро низ занҳо ташкил медиҳанд.

Дар номгӯи **ихтисосҳо** тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, соли таҳсили 2019-2020 дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯи 166 номгӯйи ихтисос мутахассис тайёр мекарданд, ин рақам дар соли таҳсили 2024-25 бе такроршавӣ ба 314 номгӯйи ихтисос расид.

Айни ҳол корҳои сохтмонӣ дар як қатор муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ идома дошта, дар назар аст, ки дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд сохта ба истифода мешаванд. Мавриди қайд аст, ки 14 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ниёз ба сохтмони бинои таълимӣ, 15 муассиса ба таъмири асосӣ ва 14 муассиса ба хобгоҳ ниёз доранд. Илова бар ин норасоии таҷҳизоти замонавӣ ҳам дида мешавад. Захираҳои молиявии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии давлатӣ асосан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ташаккул меёбанд. Бинобар сабаби кам будани шумораи донишҷӯёни гуруҳҳои шартномавӣ ва паст будани сатҳи даромади муассисаҳо аз ҳисоби истеҳсоли молу хизматҳо, маблағҳои ғайрибуҷетии ин навъи муассисаҳо дар ташаккули даромади умумии онҳо нақши муассир надоранд.

**Диаграммаи 4. Нишондиҳандаҳои маблағгузории таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар давраи солҳои 2020-2025**




Умуман маблағгузории буҷетии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар давраи солҳои 2017-2025 бемайлон афзудааст. Дар ин давра маблағгузории таҳсилоти ибтидоии касбӣ қариб 2,5 ва миёнаи касбӣ 3 маротиба ва зиёд гардидааст. Зиёдшавии андозаи музди меҳнат, идрорпулии донишҷуён ва тарифҳои хизматрасонии коммуналӣ сабаби асосии ин зиёдшавӣ

буда, барои рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ воситаҳои молиявӣ то ҳол норасоӣ мекунанд.

Ҳамзамон дар давраи солҳои 2023 -2025 аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ

Ҳиссаи хароҷот барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф ба таври назаррас кам аст ва тамоюли пастшавӣ дорад.

Ҳол он ки бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шудааст. (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 22.12.2021). Дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 45 фоиз расонида, дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш дода шавад. Ва татбиқи ин ташаббус масъулияти муассисаҳои таҳсилоти касбиро дар тайёр намудани муатахассисон соҳаҳои саноат ва касбҳои технологӣ зиёд менамояд.

Дархости пешниҳодшуда ба дарназардошти вазифа ва уҳдадориҳои Кумита ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар татбиқи вазифаҳои стратегӣ ва дастрасӣ ба ҳадафҳои миллӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

## 2. АСОСНОКУКУНИИ ВАЗИФАҲОЕ, КИ БАРОИ ДАСТРАСӢ БА ҲАДАФИ СТРАТЕГӢ БА НАҚША ГИРИФТА МЕШАВАНД.

Ҳадафу вазифаҳои стратегӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳа дар чорчубаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барнома ва нақшаҳои дароз ва миёнамуҳлати милливу соҳавӣ муайян карда мешавад ва дар фаъолияти сохторҳои соҳавӣ ҷиҳати иҷро ва дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегӣ асоси банақшагирии амалӣ мебшад.

Вазифаҳои асосии СМР 2030 дастгирии рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мебошад, ки бо афзалиятҳои рушди иқтисодии кишвар ҳамоҳанг карда шудааст (тақвияти пойгоҳи моддӣ-техникӣ, муносибатҳо бо корхонаҳо ва ташкилотҳо - корфармоёни ояндаи хатмкунандагон, таҳия ва баланд бардоштани самаранокии системаи машварати касбии ҷавонон, таъсиси системаи озмунҳои минтақавӣ дар асоси ихтисосҳои техникӣ);

Дар айни замон, Стратегияи миллии рушди маориф-2030 афзалиятҳои асосии зеринро (аз рӯи натиҷаҳои асосӣ) дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ муайян кардааст:

• таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар дар таҳсилот

• беҳтар кардани сифат ва мувофиқати таҳсилот

• тақвияти низоми самараноки идоракунии маориф.

Барои давраи солҳои 2026-2030 дар таҳсилоти категорияҳои васеи вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

• Таҷдиди назар ва ҷорӣ намудани стандартҳои таҷдидназаршуда ба ҳамаи муассисаҳои ТКТ,

• Ҷорӣ намудани механизми нави маблағгузорӣ барои муассисаҳо,

• Таҳияи маводҳои омӯзишӣ барои категорияҳои дахлдори кормандон дар муассисаҳо;

• Тақвият ва такмили таҷҳизот ва маводҳои таълимӣ таҳия шудаанд, то ки талабот аз бозори меҳнат ва ниёзҳо ба таҳсилоти касбӣ барои соли 2030 қонеъ карда шавад,

• Рақамикунонии таҳсилоти касбӣ то соли 2030 50% касбҳо ва 70% муассисаҳоро фаро мегирад,

• Сохтмон ва барқарорсозии иншоот,

• Тақвияти иқтидори кормандони муассисаҳо,

• Тақвияти ҳамкории байни муассисаҳо ва корфармоён барои таъмини қонеъ кардани талаботи бозори меҳнат ва ниёз ба шуғли хатмкунандагон

**Вазифаҳои асосӣ дар давраи миёнамуҳлат 2026-2028**

**Таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар дар таҳсилот**

– бунёди муассисаҳои нав ва азнавсозии муассисаҳои таълимии амалкунандаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ - 16 муассиса:

- сохтмони муассисаҳои таълимӣ бо инфрасохтори замонавӣ ва азнавозии муассисаҳои таълимии амалкунанда бо дарназардошти зиёд намудани фарогирии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ бо таҳсилоти ибтидоӣ, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд – 5 муассиса;

- муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо таҷҳизоти замонавӣ – 16 муассиса, барои касбомузии зиёда аз 25 ихтисоси афзалиятнок;

2. Рушди малакаҳои рақамӣ ва технологияҳои “сабз” дар касбомузӣ:

- ташаккули идоракунии рақамии(фосилавии) чараёни таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии (пешбурди унсурҳои низоми ҳукумати электронӣ);

- таҳияи маводи таҳсилоти электронӣ ва истифодаи технологияҳои абрӣ (маводи таълимии электронӣ), китобхонаҳои электронӣ, китобҳои электронӣ ва тамоми маводи ёрирасон ҳамзамон бо маводи чопии коғазӣ – барои ихтисосҳои афзалиятнок;

- такмили заминаҳои ҳуқуқӣ барои мусоидат ба инноватсияҳо дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

3 Таъмини таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- таҳияи механизмҳои самаранок ва устувори ҳамгироии хонандагони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои ТИК ва ТМК;

- азнавсозии заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва дар сурати зарурат бунёди муассисаҳои нави таълим бо дарназардошти таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) – 20 муассисаи ТИК ва 10 МТМК;

- ташкили муҳити махсуси таълимӣ, яъне мавҷудияти кадрҳои педагогӣ бо ихтисоси махсус, ки дорои методҳои инноватсионӣ ва технологияҳои таълимии иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошанд; маҷмӯи барномаҳо, нақшаҳо, маводи методӣ, адабиёт; фароҳам сохтани шароитҳои берунаи мувофиқ (сатҳи зарурии бароҳатӣ, воситаҳои махсуси ҳаракат ва ташкили ҷойҳои таълимии мутобиқшуда, воситаҳои таълими фосилавӣ) аниқ карда шавад;

4 **Б**аланд бардоштани нуфузи касбҳои коргарии таҳсилоти ибтидоии касбӣ:

- таҳким ва вусъати чорабиниҳои касбомӯзӣ-тамоюлӣ, ки ба огоҳонии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ оид ба касбҳои коргарӣ ва ихтисосҳои дархостӣ дар муассисаҳои ТИК равона шудаанд;

- ба ҷараёни таълими таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҷорӣ намудани ихтисосҳои муҳандисӣ-техникии барои духтарон ҷолиб;

**Баланд бардоштани сифат ва муҳиммияти таҳсилот:**

5. Таҳия ва татбиқи механизми муназзами пайгирии таъмини хатмкунандагон бо кор аз рӯйи ихтисос бо дарназардошти шахсони имконияташон маҳдуд дар бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ.

**6.** Такмили барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагонро мутобиқ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ дар асоси талаботи чорчӯбаи миллии ихтисосҳо ва стандартҳои касбӣ ташаккул медиҳанд: - коркард барои 20 ихтисоси интихобшудаи афзалиятнок

- таъсис ва пешбурди фаъолияти шӯроҳои соҳавӣ аз рӯйи малакаҳо;

- таҳия ва татбиқи асноди меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ваколати салоҳиятҳо, ислоҳоти сохторӣ (институтсионилизатсия) ва маблағгузорӣ;

- таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳо барои таҳия, такмили доимӣ ва дастгирии стандартҳои касбӣ дар таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар асоси таҷриба ва тамсила (модел)-ҳои байналмилалӣ (ҷаҳонишавии касбҳо ва тағйирпазирии онҳо): асоси методологӣ, методология, дастурамал, тақсимоти уҳдадориҳо, мақомоти хизматрасонӣ ва густариши неруи институтҳо ва мутахассисон бо мақсади таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои устувори ҳамкорӣ бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва ғ.;

**7.** Ҷорӣ намудани низоми устувори рушди муттасили касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ:

**-** таъсиси Муассисаи давлатии “Маркази таълимию методӣ ва мониторинги сифати таҳсилот”

- ташкили тренингҳо ва семинарҳо барои кормандони муҳандисӣ-педагогӣ ва омӯзгорон бо мақсади омӯзиши методҳои нави таълим, ки барои ташаккули салоҳиятҳои хатмкунандагон, таҳияи тестҳо, маводи таълимӣ,

истифодаи тахтаҳои электронӣ дар ҷараёни таълим, истифодаи маҷаллаҳои электронӣ ва ғайра имконият медиҳанд;

- таҳияи барномаи таълимӣ ва таъминоти методологии кормандони муҳандисӣ-педагогӣ;

- таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ намудани Чорчӯбаи миллии таснифоти ихтисосҳо дар таҳсилоти касбӣ**:**

**9** Таҳияи механизми бо кор таъмин кардани хатмкунандагон, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд мусоидаткунада**:**

- бастани шартномаҳо бо субъектҳои бозори меҳнат (бахши хусусӣ), ташкили чорабиниҳои мувофиқашуда (ярмаркаҳои ҷойи кор, ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва минбаъд бо ҷойи кор таъмин шудан, тамоюли касбӣ ва ғ.) бо субъектҳои бозори меҳнат;

- такмили ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои бо ҷойи кор таъмин кардани хатмкунандагони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд мусоидат мекунанд;

**10.** Таҳия ва ҷорӣ намудани сиёсати ягона дар соҳаи таъминоти босифати таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба муносибатҳо ва талаботи байналмилалӣ асос ёфтааст:

- таъсиси гурӯҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва ҷонибҳои дигари манфиатдор оид ба таҳияи низоми таъминоти сифат дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад;

- таҳияи низоми мониторинги сифати роҳбарӣ ва идоракунӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, механизмҳои дохилии худбаҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳии бевоситаи берунӣ (сатҳи макро/миллӣ), шаҳодатномадиҳӣ (сертификатсия) ва додани ихтисос (сатҳи макро/корхона, ширкат) ва ғ.;

**11.** Такмили стандартҳои касбӣ ва таҳсилотӣ дар асоси стандартҳо ва таҷрибаҳои байналмилалӣ. Ҷорӣ намудани барномаҳои ба амалия (таҷриба) нигаронидашуда (таҳсилоти дуалӣ, таҳсилот бе ҷудо шудан аз истеҳсолот ва таҷрибаомӯзӣ) дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ:

- таҳияи стандартҳои касбӣ ва таҳсилотӣ (барномаҳои таҳсилотӣ) дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо;

- таҷдиди назар ба таснифоти ягонаи касбу ихтисосҳо ва касбҳои таҳсил ва таълими касбӣ дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ бо дарназардошти феҳристи касбу ихтисосҳо барои шахсони имконияташон маҳдуд;

**Афзалиятҳо дар самти тақвияти низоми самараноки идораи таҳсилот**:

**12.** Таҳияи барномаҳои ҷалби захираҳои иловагӣ:

- таҳияи барномаҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ оид ба ҷалби воситаҳои молиявии субъектҳои бозори меҳнат барои харидории техникаи компютерӣ ва таҷҳизот барои устохонаҳои таълимӣ ва лабораторияҳо, ҷалби корфармоён ба ҷараёни таълим, пешниҳоди ҷой ба донишҷӯён барои гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, ташкили такмили ихтисоси омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ бевосита дар истеҳолот;

- таҳияи механизми муколамаҳои соҳавӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

## 3. НИШОНДИҲАНДАҲОИ(ШОХИСИ) ДАРОЗМУҲЛАТИ (НИҲОИИ) НАТИҶАНОКӢ БАРОИ ҲАР ЯКЕ АЗ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526.)

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳадафи умумӣ: То соли 2030 таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин омода намудани кадрҳои баландихтисос, ки дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ талабот доранд.** | | | | | |
| **Натиҷаи 4.1 (Афзалияти 1-и сиёсат): Ҳамаи занон ва мардон ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ дастрасии баробар доранд.** | | | | | |
| **Натиҷаи 4.1.1: Беҳтар намудани дастрасии ҳама ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тавассути тавсеа ва навсозии инфрасохтор ва фароҳам овардани муҳити мусоид.** | | | | | |
| Нишондиҳандаҳои асосии фаъолият | | 2021-2023 _ | 2024-2026 _ | 2027-2030 _ | Шарҳҳо |
| 1 | Ҳиссаи онҳое, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳсил мекунанд (ба ҳисоби фоиз), аз ҷумла: | 36,00% | 36,00% | 36,00% | -- |
| | - мардон | 27,00% | 26,00% | 25,00% | |
| | - занон | 9,00% | 10,00% | 11,00% | |
| 2 | Фарогирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умуми дар зинаи ТИК (ба ҳисоби фоиз). | 17,00% | 20,00% | 25,00% | -- |
| 2 | Ҳиссаи донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои ТИК таҳсил мекунанд, дар шумораи умумии донишҷӯёни таҳсилоти касбӣ (ба ҳисоби фоиз). | 20,00% | 25,00% | 30,00% | -- |
| 4 | Фарогирии одамони дорои имкониятҳои маҳдуд дар МТИК: | 5,00% | 30,00% | 50,00% | SDG таъсир 4.5.1 |
| 5 | Шумораи ҷойҳои навтаъсис дар муассисаҳои ТИК | 30000 | 40000 | 50000 | -- |
| 6 | Ҳиссаи муассисаҳоиТИК -и замонавӣ, ки биноҳои онҳо барои маъюбон мутобиқ карда шудаанд (ба ҳисоби фоиз), | 20.0 | 40 | 60 | -- |
| 7 | Ҳиссаи заноне, ки дар барномаҳои таълимии навтаъсиси ТИК фаро гирифта шудаанд (ба ҳисоби фоиз), аз ҷумла: | 10,00% | 15,00% | 25,00% | Нишондиҳанда қаблан пайгирӣ карда нашудааст |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | - дар марказҳои таълими калонсолон. | 20,00% | 25,00% | 35,00% | |
| 8 | Ҳиссаи муассисаҳои ТИК бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим (ба ҳисоби фоиз), аз ҷумла: | 47,00% | 50,00% | 55,00% | -- |
| **Натиҷаи 4.2 (Афзалияти сиёсат 2): Беҳтар намудани сифати омодасозии хатмкунандагони муассисаҳои ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ мутобиқи талаботи бозори меҳнат.** | | | | | |
| **Натиҷаи 4.2.1: Баланд бардоштани иқтидори кадрии кормандон дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ.** | | | | | |
| Нишондиҳандаҳои асосии фаъолият | | 2021-2023 _ | 2024-2026 _ | 2027-2030 _ | Шарҳҳо |
| 9 | Шумораи умумии омӯзгорон ва магистрҳо дар муассисаҳои ТИК (аз рӯи сатҳи таҳсилот), аз ҷумла: | 2734 | 2980 | 3248 | ҲРУ таъсир 4.с.1 |
| 10 | Ҳиссаи омӯзгорон ва устодони МТИК, ки курсҳои такмили ихтисосро оид ба ташаккули салоҳият барои хатмкунандагони ин муассисаҳо гузаштанд | 40,00% | 60,00% | 100,00% | ҲРУ таъсир 4.с.1 |
| **Натиҷаи 4.2.2: Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мутобиқи талаботи бозори меҳнат тақвият дода мешавад.** | | | | | |
| Нишондиҳандаҳои асосии фаъолият | | 2021-2023 _ | 2024-2026 _ | 2027-2030 _ | Шарҳҳо |
| 11 | Ҳиссаи хатмкунандагони муассисаҳои ТИК, ки аз рӯи ихтисоси худ ба кор таъминанд (ба ҳисоби фоиз) | 28,00% | 35,00% | 50,00% | -- |
| 12 | Ҳиссаи хонандагони МТИК, ки бевосита дар ҷои кор аз таҷрибаи корӣ мегузаранд, дар шумораи умумии донишҷӯён (ба ҳисоби фоиз), аз ҷумла: | 100,00% | 100,00% | 100,00% | -- |
| 13 | Таносуби муассисахои ТИК, ки системахои дохилии кафолати сифатро истифода | 40,00% | 60,00% | 100,00% | -- |
| 14 | Мавҷудияти чаҳорчӯбаи миллии тахассусии (ЧМТ).мувофиқашуда ва тасдиқшуда | Таҳия шуд | Мувофиқа ва тасдиқ карда шуд | ЧМР татбиқ карда мешавад | -- |

## Таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар дар таҳсилот

| *Нишондиҳандаҳои натиҷаи ниҳоӣ* | *Барномаи алоқманд* | *2024 (нақша)* | *2025 (нақша)* | *2026 (дурнамо)* | *2027 (дурнамо)* |
|---|---|---|---|---|---|
| *I* | *II* | *III* | *IV* | *V* | *VI* |
| Бунёди муассисаҳои нав ва азнавсозии муассисаҳои таълимии амалкунандаи ТИК | **Татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (ТИМК)** | **2** | **5** | **5** | **2** |
| Таъмиру тармими муассисаҳои ТИК бо дарназардошти зиёд намудани фарогирӣ, аз ҷумла шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус | | | | | |
| Муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо таҷҳизоти замонавӣ | | **20** | **20** | **20** | **20** |
| Ҷорӣ намудани унсурҳои ҳукумати электронӣ ва ташаккули НИИ ТИМК (% иҷро) | | **60** | **80** | **100** | **100** |
| Таҳияи маводи таҳсилоти электронӣ | | **5** | **5** | **5** | **5** |

## Бо таҳсилоти касбии босифат фаро гирифтани аҳолӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос, ки дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ талабот доранд

| *Нишондиҳандаҳои натиҷаи ниҳоӣ* | *Барномаи алоқманд* | *2024 (нақша)* | *2025 (нақша)* | *2026 (дурнамо)* | *2027 (дурнамо)* |
|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи бо кор таъминшавии хатмкунадагони МТИК | **Рушди таҳсилоти касбии техникии босифат ва дастрас** | **60** | **70** | **80** | **90** |
| Сатҳи бо кор таъминшавии хатмкунадагони МТИК | | **60** | **70** | **80** | **90** |
| | | | | | |

## 5. БУҶЕТИ МИЁНАМУҲЛАТИ БАРНОМАВӢ

Соҳаи маориф
Барномаи сиёсати буҷетӣ “Таҳсилоти касбӣ-техникӣ”
**173 - Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Шакли 1.2. Барномаҳои буҷетӣ** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| рамз | Номгуи барнома/зербарнома | **2024 (иҷро )** | **2025 (нақша)** | **Дурнамо** | | |
| | | | | **2026** | **2027** | **2028** |
| | *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6* |
| ITK | **«Татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (ТИМК)»** | **12 919 619** | **26 350 000** | **37 761 280** | **38 239 680** | **38 669 280** |
| ITK 001 | *Таҳияи сиёсат, танзим ва такмили хизматрасонии далатӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ* | 12 919 619 | 26 350 000 | 35 761 280 | 36 239 680 | 36 669 280 |
| ITK002 | *Рақамикунонии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ* | - | - | 2 000 000 | 2 000 000 | 2 000 000 |
| RKT | Барномаи «Рушди таҳсилоти касбии техникии босифат ва дастрас» | **230 196 611** | **297 048 711** | **340 161 975** | **342 259 753** | **346 085 619** |
| RKT001 (TIK001) | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 120 775 395 | 173 979 910 | 195 926 470 | 197 313 735 | 199 010 507 |
| RKT002 (TMK001) | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 109 421 216 | 123 068 801 | 144 235 505 | 144 946 018 | 147 075 112 |
| RKT 003 | Инвеститсияҳо ба соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо дастгирии шарикони рушд | - | 5 223 425 | 50 471 101 | 113 333 000 | 41 702 200 |
| | **Ҳамагӣ** | **243 116 230** | **323 398 711** | **377 923 255** | **380 499 433** | **384 754 899** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Шакли 1.1. Буҷети миёнамуҳлати барномаи «Татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (ТИМК)»** | | | |
| **Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | **173******* |
| | | | |
| Миссия: Таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин омода намудани кадрҳои баландихтисос, ки дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ талабот доранд. (ҲРУ 4)<br>ҲРУ 4: Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумрӣ барои ҳама ҲРУ 5: Ба баробарии гендерӣ расидан ва тавонмандсозии ҳамаи занону духтарон<br>ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама | | | |
| ***I. Шарҳи барнома*** | | **Номгӯ** | **Рамз** |
| 1 | Барнома | **«Татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (ТИМК)»** | ITK |
| 2 | **Мақсади барнома** | Дастрасӣ ва иштироки баробар дар таҳсилоти касбӣ. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз 30% хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (ҳамасола на катар аз 58 000 нафар) бояд ҷалб карда шаванд. | |
| 3 | **Сохтори барнома (номгуи зербарномаҳо)** | Таҳияи сиёсат, танзим ва такмили хизматрасонии далатӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ | ITK 001 |
| | | Рақамикунонии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ | ITK002 |
| 4 | **Вазифа(ҳо)и барнома** | 1. Таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифати касбӣ, фарогирии гуруҳи аҳолии осебпазир (таъмир ва таҷҳизонидани литсейҳои касбӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсили шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус)<br>2. Беҳтар намудани сифати омодасозии хатмкунандагони муассисаҳои ибтидоии касбӣ мутобиқи талаботи бозори меҳнат (ташаккули низоми иттилоотии идоракунӣ ҷиҳати дастрасӣ ба маълумоти миқдориву сиҳати барои таъмин намудани усулҳои самараноки идора ва танзми таҳсилоти касбӣ дар ҳамгироӣ бо нишондиҳандаҳои бозори меҳнат).<br>3. Такмили барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ, ки салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагонро ташаккул медиҳанд<br>(вазифаи ҲРУ ва шохисҳои нақшавии ҲРУ замима мегардад) | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ***II. Нишондиҳандаҳои самаранокӣ аз рӯи зербарномаҳо (натиҷаҳои мустақим)*** | | | | | |
| 5 | **Нишондиҳандаи натиҷаи дарозмуддати (ниҳоии) барнома** | **2024 ҳисобот** | **2025 баҳодиҳӣ** | **2026** | **2027** | **2028** |
| 5.1. | Ҳиссаи хатмкунандагони МТУ, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳсил мекунанд (ба ҳисоби фоиз), аз ҷумла:<br>- мардон/занон | дастрас нест | 36,0%<br>27,0% / 9,0% | 36,0%<br>26,0% / 10,0% | | |
| | Фарогирии одамони дорои маълулият бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ба ҳисоби фоиз), | дастрас нест | 5,0% | 30,0% | | |
| | | | | | | |
| **5.2.** | **Нишондиҳандаҳои самаранокӣ аз рӯи зербарномаҳо (натиҷаҳои мустақим)** | **2024 (иҷро)** | **2025 (нақша)** | **Дурнамо** | | |
| | | | | **2026** | **2027** | **2028** |
| ***I*** | ***II*** | ***III*** | ***IV*** | ***V*** | ***VI*** | ***VII*** |
| | Таҳияи стандартҳои нави касбӣ | 20 | 30 | 40 | 50 | 50 |
| | Миқдори стандартҳои нави касби ҷоришаванда, адад | | 20 | 30 | 40 | 40 |
| | Миқдори муассисаҳои мутобиқшуда | 4 | 20 | 30 | 50 | 50 |
| | Ташаккули низоми иттилоотии идоракунӣ, %иҷро | 40,0 | 80,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| | Рақамикунонии таҳсилот, % иҷрои нақша | 20 | 20 | 40 | 60 | 100 |
| | ***III. Нишондоди молиявӣ*** | | | | | |
| **6** | **Ҳамаги хароҷот, сомонӣ** | **12 919 619,00** | **26 350 000,00** | **37 761 280,00** | **38 239 680,00** | **38 669 280,00** |
| | *Аз ҷумла:* | | | | | |
| | Хароҷоти ҷорӣ/нигоҳдорӣ(+таъмир) | **8 919 343,00** | **13 300 000,00** | **14 861 280,00** | **15 298 680,00** | **15 683 280,00** |
| | Харидории таҷҳизот | **4 000 276,00** | **7 000 000,00** | **8 000 000,00** | **8 000 000,00** | **8 000 000,00** |
| | Рақамикунонӣ | **-** | **-** | **2 000 000,00** | **2 000 000,00** | **2 000 000,00** |
| | Хароҷоти асосӣ (капиталӣ) | **-** | **5 850 000,00** | **12 500 000,00** | **12 500 000,00** | **12 500 000,00** |
| | Маблағҳои махсус | | **200 000,00** | **400 000,00** | **441 000,00** | **486 000,00** |

Шакли 1.1.1. Тавсифи нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва хароҷоти зербарномаҳо

| **1. Номи зербарнома** | **Таҳияи сиёсат, танзим ва такмили хизматрасонии далатӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ** | ITK 001 |
|---|---|---|
| **Самтҳои фаъолият** | Маблағгузории Дастгоҳи марказии Кумита ҷиҳати иҷрои салоҳият ва уҳдадориҳояш дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ. истинод ба сиёсати давлатӣ: Тадбирҳои афзалиятнок оид ба ислоҳоти СМРМ 2030: 4.3.1 - «Сохтмон ва таҷдиди муассисаҳои нав ва таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ»; 4.3.3 - «Таъмини хусусияти фарогири таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ»: 4.3.9 - «Таҳияи механизми нави мусоидат ба шуғли хатмкунандагон, аз ҷумла маъюбон» | |
| **Вазифаҳои зербарнома** | Таҳияи ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти касбӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти касбӣ, стандарт ва меъёрҳои таҳсилоти касбӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ | |
| | Таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифати касбӣ, фарогирии гуруҳи аҳолии осебпазир (таъмир ва таҷҳизонидани литсейҳои касбӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсили шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус) | |

| **1. Нишондиҳандаҳои натиҷа (мутобиқ ба вазифа/фаъолият)** | **2024 (иҷро)** | **2025 (нақша)** | **Дурнамо** | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | **2026** | **2027** | **2028** |
| I | II | III | IV | V | VI |
| **Буҷети Дастгоҳи марказии Кумита, сомонӣ** | **4 223 641,00** | **6 300 000,00** | **6 861 280,00** | **7 298 680,00** | **7 683 280,00** |
| Шумораи кормандон, аз ҷумла | | 61 | 61 | 61 | 61 |
| Занҳо | | 6 | 6 | 6 | 6 |
| **Ҷорӣ намудани стандартҳои нави тахассусӣ (Таъмини ЛКТ бо таҷҳизоти таълимӣ-истеҳсолӣ)** | **4 000 276,00** | **7 000 000,00** | **8 000 000,00** | **8 000 000,00** | **8 000 000,00** |
| Миқдори ЛКТ таъминшуда | 9 | 6 | **20** | **30** | **50** |
| %-и таъмишавӣ бо таҷҳизоти таълимӣ | 10 | 20 | 30 | 50 | 76 |
| **Таъмири муассисаҳои таълимӣ** | **4 695 702,00** | **7 000 000,00** | **8 000 000,00** | **8 000 000,00** | **8 000 000,00** |
| миқдори массисаҳои таъмиршаванда | | | | | |
| **Сохтмон ва барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ** | **-** | **5 850 000,00** | **12 500 000,00** | **12 500 000,00** | **12 500 000,00** |
| Миқдори ЛКТ таъмиршуда | | 20 | **20** | **10** | **15** |
| %-и таъмишавӣ бо таҷҳизоти таълимӣ | | 30 | 45 | 50 | 60 |
| **Маблағҳои махсус** | | **200 000,00** | **400 000,00** | **441 000,00** | **486 000,00** |
| **Ҷамъ, сомонӣ** | **12 919 619,00** | **26 350 000,00** | **35 761 280,00** | **36 239 680,00** | **36 669 280,00** |

| **2. Номи зербарнома** | **Рақамикунонии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ** | ITK002 |
|---|---|---|
| **Самтҳои фаъолият** | Маблағгузории мутамарказонидашудаи таҳия, ташаккул, татбиқ ва идоракунии Низоми иттлоотии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ. Истинод ба сиёсати давлатӣ: Амалҳои афзалиятнок СМРМ 2030: 4.3.2 -«Ҷорӣ намудани унсурҳои идоракунии электронӣ ва модернизатсияи системаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК); 4.5.3 - «Такмили системаи иттилоотии идоракунии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» истинод ба сиёсати давлатӣ:Тадбирҳои афзалиятноки ислоҳоти СМРМ 2030: 4.3.3 - «Таъмини фарогирӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ»; 4.3.7 - «Татбиқи низоми устувори такмили пайвастаи касбӣ дар ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ» | |
| **Вазифаҳои зербарнома** | Таҳияи НИИ дорои маълумот дар бораи (i) ҷинс, (ii) дохилшавӣ, давомот ва хатм, (iii) дастовардҳои таълимӣ дар бар гирад; (iv) кормандон; (v) захираҳои моддию техникӣ (аз ҷумла захираҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ) | |
| | Низоми иттилоотии идоракунӣ(НИИ), ки тамоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии давлатиро, дар бар мегирад, ки барои фаъолияти дурусти он бо таҷҳизоти зарурии ТИ карда мешавад, кормандони дахлдори (камаш як корманди) оид ба истифодаи НИИ омӯзонида мешаванд. | |

| **1. Нишондиҳандаҳои натиҷа (мутобиқ ба вазифа/фаъолият)** | | **2024 (иҷро)** | **2025 (нақша)** | **Дурнамо** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **2026** | **2027** | **2028** |
| **Ташаккули низоми иттилотии соҳаи таҳсилоти касбӣ,** | **сомонӣ** | | | **2 000 000,00** | **2 000 000,00** | **2 000 000,00** |
| НИИ-и функсионалӣ, | %-иҷро | 10 | 50 | 80 | 100 | 10 |
| Миқдори муассисаҳои истифодабарандаи НИИ, | адад | 0 | 65 | 140 | 151 | |
| Хиссаии кормандони МТИМК, ки барои истифодаи НИИ омузонида шуаданд, | нафар | | 25 | 40 | 25 | 10 |
| аз ҷумла, занҳо | нафар | | | | | |
| **Миқдори ихтисосҳои рақамикунонидашуда** | **адад** | **0** | **5** | **5** | **50** | **100** |
| **Ҷамъ** | **сомонӣ** | **0** | **0** | **2 000 000,00** | **2 000 000,00** | **2 000 000,00** |

**Шакли 1.1. Дархости барномаи буҷетии «Рушди таҳсилоти касбии техникии босифат ва дастрас»**

| *I. Шарҳи барнома* | | **Номгӯ** | | | | **Рамз** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Барнома | **Барномаи «Рушди таҳсилоти касбии техникии босифат ва дастрас»** | | | | RKT |
| 2 | **Мақсади барнома** | Бо таҳсилоти касбии босифат фаро гирифтани аҳолӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос, ки дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ талабот доранд | | | | |
| 3 | **Сохтори барнома (номгуи зербарномаҳо)** | **Таҳсилоти ибтидоии касбӣ** | | | | RKT001 (TIK001) |
| 4 | **Вазифа(ҳо)и барнома** | 1. Таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифати касбӣ, фарогирии гурӯҳи аҳолии осебпазир (таъмир ва таҷҳизонидани литсейҳо коллеҷҳои касбӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсили шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус)<br>2. Беҳтар намудани сифати омодасозии хатмкунандагони муассисаҳои ибтидоии касбӣ мутобиқи талаботи бозори меҳнат (ташаккули низоми иттилоотии идоракунӣ ҷиҳати дастрасӣ ба маълумоти миқдориву сиҳати барои таъмин намудани усулҳои самараноки идора ва танзми таҳсилоти касбӣ дар ҳамгироӣ бо нишондиҳандаҳои бозори меҳнат).<br>3. Такмили барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагонро ташаккул медиҳанд | | | | |
| *II. Нишондиҳандаҳои самаранокӣ аз рӯи зербарномаҳо (натиҷаҳои мустақим)* | | | | | | |
| 5 | **Нишондиҳандаи натиҷаи дарозмуддати (ниҳоии) барнома** | **2024 ҳисобот** | **2025 баҳодиҳӣ** | **2026** | **2027** | **2028** |
| 5.1. | Ҳиссаи хатмкунандагоне, ки баъд аз 1 соли хатм бо кор таъмин шудаанд | **Аниқ карда мешавад** | **60** | **70** | **80** | **90** |
| *III. Нишондоди молиявӣ* | | | | | | |
| **8** | **Ҳамаги хароҷот** | **230 196 611,00** | **302 272 136,00** | **390 633 075,86** | **455 592 752,86** | **387 787 818,86** |
| | *Аз ҷумла:* | | | | | |
| | Хароҷоти ҷорӣ | **198 178 486,00** | **266 640 565,00** | **310 275 073,86** | **311 217 120,86** | **313 653 871,86** |
| | Хароҷоти асосӣ | **-** | **-** | **5 850 000,00** | **7 000 000,00** | **9 000 000,00** |
| | БСД (инвеститсияҳои давлатӣ) | **-** | **5 223 425,00** | **44 621 101,00** | **106 333 000,00** | **32 702 200,00** |
| | Маблағҳои махсус | **32 018 125,00** | **30 408 146,00** | **29 886 901,00** | **31 042 632,00** | **32 431 747,00** |

**Шакли 1.1.1. Тавсифи нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва хароҷоти зербарномаҳо**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1. Номи зербарнома** | **Таҳсилоти ибтидоии касбӣ** | | | | | RKT001 (TIK001) |
| **Самтҳои фаъолият** | Маблағгузории 63 Литсеи касбӣ техникӣ, ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти таълимӣ истеҳсолӣ ва фарогирии ҷавонони синни аз 17 то 29 сола ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Дар доираи маблағгузории мазкур пардохти музди меҳнати кормандон, хизматрасонии коммуналӣ, алоқа, харидории маводҳои таълимию хоҷагидорӣ, таъмиру тармими ҷорӣ ва дигар хароҷт барои ташкили фаъолияти таълимӣ амалӣ карда мешавад. Барои хонандагон хуроки якмаротибаи гарм ва эҳтиёҷмандон хобгоҳ пешниҳод карда мешавад. | | | | | |
| **Вазифаҳои зербарнома** | Ташкили фаъолияти таълимӣ ва истеҳсолӣ (музди меҳнат, харидории таҷҳизот ва ашёи истеҳсолӣ,маводи канселярӣ ва хоҷагидорӣ | | | | | |
| | Пешниҳоди хизматрасонҳои пулакӣ (таҳсилоти шартномавӣ, даромад аз ҳисоби фаъолияти истеҳсолӣ) | | | | | |
| **1. Нишондиҳандаҳои натиҷа (мутобиқ ба вазифа/фаъолият)** | | **2024 (иҷро)** | **2025 (нақша)** | **Дурнамо** | | |
| | | | | **2026** | **2027** | **2028** |
| I | | II | III | IV | V | VI |
| **Ташкили фаъолияти таълимӣ истеҳсолӣ** | **сомонӣ** | **111 460 914** | **163 266 146** | **185 733 951** | **186 433 017** | **187 719 484** |
| Миқдори литсейҳои касбӣ | адад | 61 | 61 | 61 | 61 | 61 |
| Шумораи хонандагон | нафар | 20 777 | 22 855 | 25 140 | 27 654 | 30 420 |
| аз ҷумла, духтарон | нафар | 4 753 | 5 228 | 5 751 | 6 326 | 6 959 |
| Шумораи омузгорон | нафар | 2 230 | 2 453 | 2 698 | 2 968 | 3 265 |
| аз ҷумла, занҳо | нафар | 983 | 1 081 | 1 189 | 1 308 | 1 439 |
| **Пешниҳод намудани хизматрасониҳои пулакӣ (маблағҳои махсус)** | **сомонӣ** | **9 314 481** | **10 713 764** | **10 192 519** | **10 880 718** | **11 291 023** |
| **Ҷамъ** | **сомонӣ** | **120 775 395** | **173 979 910** | **195 926 470** | **197 313 735** | **199 010 507** |

| | | |
|---|---|---|
| **2. Номи зербарнома** | **Таҳсилоти миёнаи касбӣ** | RKT002 (TMK001) |
| **Самтҳои фаъолият** | Маблағгузории колеҷҳои касбӣ, ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти таълимӣ истеҳсолӣ ва фарогирии ҷавонони синни аз 17 то 29 сола ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Дар доираи маблағгузории мазкур пардохти музди меҳнати кормандон, хизматрасонии коммуналӣ, алоқа, харидории маводҳои таълимию хоҷагидорӣ, таъмиру тармими ҷорӣ ва дигар хароҷт барои ташкили фаъолияти таълимӣ амалӣ карда мешавад. | |
| **Вазифаҳои зербарнома** | Ташкили фаъолияти таълимӣ ва истеҳсолӣ (музди меҳнат, харидории таҷҳизот ва ашёи истеҳсолӣ,маводи канселярӣ ва хоҷагидорӣ | |
| | Пешниҳоди хизматрасонҳои пулакӣ (таҳсилоти шартномавӣ, даромад аз ҳисоби фаъолияти истеҳсолӣ) | |

| **1. Нишондиҳандаҳои натиҷа (мутобиқ ба вазифа/фаъолият)** | | **2024 (иҷро)** | **2025 (нақша)** | **Дурнамо** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **2026** | **2027** | **2028** |
| I | | II | III | IV | V | VI |
| **Ташкили фаъолияти таълимӣ истеҳсолӣ** | сомонӣ | **86 717 572** | **103 374 419** | **124 541 123** | **124 784 104** | **125 934 388** |
| Шумораи донишчуён, нафар | нафар | 16614 | 18275 | 20103 | 22113 | 24325 |
| аз ҷумла, духтарон | нафар | 8866 | 9753 | 10728 | 11801 | 12981 |
| бучави | нафар | 4409 | 4850 | 5335 | 5868 | 6455 |
| аз ҷумла, духтарон | нафар | 2271 | 2498 | 2748 | 3023 | 3325 |
| стипендия мегиранд | нафар | 1979 | 2177 | 2395 | 2634 | 2897 |
| аз ҷумла, духтарон | нафар | 802 | 882 | 970 | 1067 | 1174 |
| Шумораи омузгорон, нафар, | нафар | 1042 | 1146 | 1261 | 1387 | 1526 |
| аз ҷумла, занҳо | нафар | 468 | 515 | 566 | 623 | 685 |
| **Пешниҳод намудани хизматрасониҳои пулакӣ (м. Махс.)** | сомонӣ | **22 703 644** | **19 694 382** | **19 694 382** | **20 161 914** | **21 140 724** |
| шатрномави | нафар | 4467 | 3898 | 4288 | 4717 | 5188 |
| аз ҷумла, духтарон | нафар | 1979 | 2162 | 2378 | 2616 | 2878 |
| **Ҷамъ** | **сомонӣ** | **109 421 216** | **123 068 801** | **144 235 505** | **144 946 018** | **147 075 112** |